**07.00.00.ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ**
**07.00.00.ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ**
**07.00.00.HISTORICAL SCIENCES AND ARCHEOLOGY**

07.00.02**.** ТАЪРИХИ ВАТАН
07.00.02. ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
07.00.02. HOME HISTORY

*УДК 327 С*
*ББК 66.75*

## *САДРИДДИН АЙНӢ ВА БАРРАСИИ ОМИЛҲОИ ХАТАРЗОИ ЗИДДИЯТҲОИ МАЗҲАБӢ ВА ИФРОТГАРОӢ*

***Усмонов Аюб Исломович****, д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *САДРИДДИН АЙНИ И ИЗУЧЕНИЕ ОПАСНЫХ ФАКТОРОВ СЕКТАНТСКИХ КОНФЛИКТОВ И ЭКСТРЕМИЗМА*

***Усмонов Аюб Исломович****, д.и.н., профессор кафедры отечественной истории ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

## *SADRIDDIN AUNI AND CONSIDERATION OF RISK FACTORS FOR RELIGIOUS AND EXTREMIST CONFLICTS*

***Usmonov Ayub Islomovich,*** *Dr. of History, Professor of the department of Tajik history under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *aubislomzoda@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ***: *Садриддин Айнӣ, ислоҳот, зиддиятҳои фикрӣ, усулҳои кӯҳна, ифротгароӣ, афкори сиёсӣ, таърихи инқилоб, Аморати Бухоро*

*Дар мақола масъалаи омилҳои хатарзои зиддиятҳои мазҳабӣ ва фикрӣ, ки дар осори устод Айнӣ ифода ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳлилу баррасии ақидаҳои Садриддин Айнӣ дар бораи давлат ва миллат ба ин натиҷа расидааст, ки барои бақои ҷомеа аз миён бардоштани зиддиятҳои мазҳабӣ ва динӣ зарур аст, зеро тазодҳои мазҳабӣ, ифротгароӣ, хурофопарастӣ боиси сар задани нофаҳмиву ноором̄ӣ дар ҷомеа гардида, хатарҳои муайян эҷод мекунанд. Ақидаҳои мазкури устод Айнӣ ва пешниҳодҳои ӯ дар бораи ҷустуҷӯи роҳҳои ба вуҷуд овардани ҷомеаи солим бар асоси китобҳои "Таърихи инқилоби Бухоро" ва "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро", инчунин ашъори шоир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.*

***Ключевые слова:*** *Садриддин Айни, реформа, опасные факторы, умственный антогонизм, старые методы, экстремизм, политическое мнение, история революции, Бухарский эмират*

*В статье рассмотрена проблема опасных факторов сектантских и умственных конфликтов, выраженных в творчестве таджикского советского писателя и поэта С.Айни. В ходе изучения мнений С. Айни о государстве и нации автор приходит к выводу, что ради долговечности общества необходимо устранять сектантские и религиозные конфликты, так как сектантское и экстремистское противоречие становится причиной конфликта, способного вызвать беспокойство в обществе и привести к нежелательным опасным последствиям. Вышеуказанный взгляд Айни и его предложение об изыскании путей создания здорового общества рассмотрены на основе книг "История революции Бухары" ("Таърихи инқилоби Бухоро)" и "История революционных мыслей в Бухаре" ("Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро)", а также в поэзии поэта.*

***Key words:*** *Sadriddin Aini, reforms, ideological contradictions, old methods, extremism, political thought, history of revolution, Emirate of Bukhara*

*The article dwells on the risk factors of religious and ideological contradictions, expressed in the works of Ustod Aini. In the course of the analysis of Sadriddin Aini`s views on the state and the nation, the author came to the conclusion that it is necessary to eliminate religious and religious conflicts in order for society to survive, because religious conflicts, extremism and superstition lead to misunderstandings and instability in society. These ideas of Ustod Aini and his proposals on the search for ways to create a healthy society are analyzed on the basis of the books "The History of Bukhara Revolution" and "The History of Intellectual Revolution in Bukhara" as well as the poetry of the poet.*

Таърих шаҳодати фаровонеро дар хотираи худ сабт кардааст, ки ифротгарой ва зӯроварӣ ҳамеша ба таассуби динӣ ва мазҳабӣ, андешаҳои номатлуби инсонӣ пайванд дорад ва ҳодисаҳои вобаста ба тазодҳои фикрӣ танҳо маҳсули замони муосир набуда, балки ҳазорсолаҳо идома дорад. Маълум аст, ки зуҳури чунин падидаҳои номатлуб пеш аз ҳама ба фаъолиятҳои худи инсон ва афкори ӯ нововбаста ба дину мазҳабу фирқа вобастагӣ дорад.

Яке аз сабабҳои зуҳури бархӯрдҳои фикрӣ, сар заданҳои ҷангҳои байниинсонӣ, миёни давлатҳо зиддиятҳои мазҳабӣ ба шумор меравад. Ба ибораи дигар, таърих шаҳодати фаровонеро барои мо ҳикоят мекунад, ки ифротгарой, ҷангу хушунат танҳо маҳдуд ба қарни имрӯз нест, балки ҳазорсолаҳо ин падидаҳои номатлуб ба ҳар шаклу шева дар ҷомеа зуҳур кардааст.

Муҳимтарин санад барои собити ин назар дар осор ва андешаҳои мутафаккирону адибон ҷилвагар шуданд, ки омилҳои хатарзои ҷангҳои мазҳабӣ дар қаламрави таърих ба шумор меравад. Таваҷҷӯҳи шоирон ба ваҳдати инсонӣ, пеш аз ҳама яке аз намунаҳои барҷастаи мубoризаи инсоният ба муқобили ифротгароии динӣ ва мазҳабӣ, ҷудоихоҳиву ҷудоиандозӣ ба шумор меравад.

Устод Садриддин Айнӣ низ чун ниёгони хеш дар баробари гузоштани асос ба адабиёти давраи навини тоҷик ба баёни андешаҳо ва афкори маорифпарварона дар заминаи таълифи китобҳои арзишманди таърихӣ ва сиёсӣ ҳамчун мутафаккири давраи нави тоҷик эътироф гардидааст. Асари маъруфи ӯ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», ки ба таъбири муаллифи пешгуфтори он Камолиддин Айнӣ бештар аз чиҳил сол зиндонӣ буд, дар ҳақиқат фарогири муҳимтарин ақидаҳои сиёсии ин донишманд ва шахсияти барҷаста ба шумор меравад. Дар китоби мазкур дар баробари баёни ҳаводиси солҳои 20-уми асри XX ва шарҳу тавзеҳи инқилоби Бухоро чанде аз ақидаҳои барҷастаи Айнӣ дар мавриди худи мафҳуми инқилоби фикрӣ, омилҳои таҳкими давлатдорӣ ва таъсири таассуби динӣ ва зиёдаравӣ дар афкори динӣ ба амнияти мардумӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Устод Айнӣ дар бахши махсусе аз ин китоб, ки «Фитнаи шиаву суннӣ» унвон дорад, нахуст ба таъсири номатлуби зиддиятҳои мазҳабӣ ба фазои ҷомеа, аз ҷумла ҳаёти ҷории мардум таваҷҷуҳ намуда, оқибатҳои фоҷиабори онро тавзеҳ медиҳад. Дар ин асари арзишманди устод Айнӣ, аз ҷумла вобаста ба воқеаҳои мазкур омадааст: «Амир Абдулаҳадхон баъд аз таскини воқеаи шиаву суннӣ озими вилояти Русия шуда буд, дар ғайби худ ба латоифулҳиял уламо ва Бурҳониддини раисро хотирхоҳӣ мекард, аммо ба муҳокимаи соиба медонист, ки сабаби аслии ин ҳама фитна уламои муттаасибанд ва сайрхайли эшон Бурҳониддини раис аст. Бинобар ин, ба муҷарради авдати худ аз Русия, Мир Бурҳониддини раисро азл карда, дар Кармина ба ҷавори мазори Қосимшайх истиқомат кунонд.

Бурҳониддини раис ба муҷарради маъзул шудан, тариқи мудоҳана ва чоплусиро пеш гирифт. Ба ҳар кас мегуфт, ки «Ман мутлақ дар фасодҳои эронию бухорӣ дахл надорам, дар мактаби усули савтия низ муқобил нестам. Дар ривоҷ додани мактаб хаёл доштам, аммо замон мусоидат накард. Ба худ аҳд кардам, ки агар бори дигар дар мансабҳои даруни Бухоро дохил шавам, ба ривоҷи мактаби ризои тараққихоҳон кӯшиш хоҳам кард» [1,с.75].

Аз ин мулоҳизот бармеояд, ки аллакай равшанфикрони Бухоро, чун худи Садриддин Айнӣ ва дигарон муқобили он қарор доштанд, ки аз усулҳои куҳани мактабдорӣ даст кашида, ба ривоҷи мактабҳои нав иқдом намоянд. Моҳияти инқилоби фикрӣ дар ҳамин нукта ифода ёфтааст, ки бояд ҷои мактабҳои куҳнаро мактабҳои нав бигиранд, зеро таҳсил ва таълим дар мадрасаҳо бисёр кӯркӯрона ва номатлуб ҷараён доштанд ва тафсири ин ҳолатро устод Айнӣ дар китоби дигари худ «Мактаби куҳна» низ баён доштааст[2]. Хомӯш гардидани фитнаҳои мазҳабӣ, ки боиси куштори зиёди мардум мегардид, ба ақидаи устод Айнӣ барои ташаккули инқилоби фикрӣ роҳ кушод. Ин манзараро дар ҳамин қисмати китоби хеш чунин овардаанд: «Боре фақир ба рафоқати Ҳомидхоҷа Меҳрӣ ва мулло Абдулқодири Махдум – шариконам – дар Кармина ба ҳузури Мир Бурҳониддин ворид шуда будем. Мумоилайҳ биззот ба мо изҳори фавқро кард. Аммо касе, ба аҳволи рӯҳияи мазбур воқиф аст, то куҷоҳо самимият доштани ин калимотро ба хубӣ медонад. Чунончи воқеоти отиёт низ ба хубӣ ба сидқи ин тахмин шаҳодат дод. Чун Бурҳониддин аз раёсат маъзул гардида, аз шаҳр берун шуд, шаҳр аз фитнаву фасод як дараҷа халосӣ ёфт. Мардум аз ҳуҷуми фитнаҷӯён эмин шуда, ба осудагӣ мутолиаи ҷароид ва кутуби нофеа мекарданд. Кам-кам осори инқилоби фикрӣ ба мардум намудор шудан гирифт. Ба ҳама маълум аст, мутолиаи кутубу расоил ва кадом қисм, ки бошад, ба таври афкор хидмат мекунад. Асли дард дар ин ҷост, ки дар мадрасаҳои Бухоро ба эътибори умумият, ғайр аз китобати ҳавошӣ ва муҷодилае дар дебоча чизе намондааст. Ононе, ки ба даъвои иноният ва

фарёди «Ано воҳидун фи-л-ъилм» мезананд, ҳамаи ҳимматашон масруфи дебоча ва ҳавошист» [1,с.95]

Бо изҳори назар дар бораи вазъи таълиму тадрис дар Бухоро устод Айнӣ воқеан ҳолати таҳсилу таълимро ба риштаи танқид кашида, эҳсос намуданд, ки аз таълими амалкунанда муҳассилин чизе дуруст аз бар намекунанд ва ин дар ҳақиқат ба бесаводии ҷомеа сабаб мешавад. Ҳолати кунунии мактабҳои динӣ дар андешаҳои устод Айнӣ хеле амиқ шарҳ ёфтааст, ки аксаран матолиби диниро танҳо ба зоҳир мехонанду ба мазмуни он сарфаҳам намераванд. Ҳамин вазъият сабаби аслии ба вуҷуд омадани таассуби динӣ ва зиддиятҳои мазҳабӣ мегардад, ки дар ҳақиқат онҳо ба ҷомеа ва афкори мардум таъсири манфӣ доранд. Вазъияти ноогоҳии мардумро, ки сабаби гирифтории таассуби динӣ ва дур мондан аз асли маърифати ислом гардидааст, устод С.Айнӣ ба таври амиқ чунин шарҳ додаанд: «Агар талабаҳои Бухоро ҳам мисли замони салаф, истифои кутуби муътабара мекарданд, ҳеҷ гоҳ аз дину дунё бехабар намемонданд. Агар сияри набиву аҳодиси шарифро истеъмол мекарданд, ба кадом сифат қобили варосати анбиё шуданро ба хубӣ медонистанд, ба кадом сифот қобили ваиосати набӣ анбиё анбиё шуданро ба хубӣ медонистанд., бо сифоти ҳозира ба даъвои виросати набӣ ҷасорат намекарданд. Аз таърихи исломро медонистанд ва ба мавриди нузули ояи каримаи «Фа бимо раҳматин мина-л-Лоҳи линта лаҳум...»(Пас бо раҳмате аз Худо ту ба онҳо меҳрубони кардӣ) воқиф мешуданд, ин қадар ғализулқалб намегардиданд, ба бародарони муслимини худ ба мулоимат маишат мекарданд. Агар медонистанд ҳазрати Пайғамбари мо (с) ба вуҷуди яқин доштанашон ба аҳволи мунофиқин дар иқрори забонии онҳо бино монда, аз доираи исломият берун накарда буданд, ҳеҷ гоҳ ононеро, ки «абан ан ҷаддин»(аз падару бобоён) мусулмонон омадаанд, ба хоҳиши кайфи худ такфир намекарданд. Ақаллан «Ақоиди Насафӣ»-ро то охир ба диққат мутолиа мекарданд, такфири аҳли қибла дуруст набуданашро дониста, ақаллан мусулмонони ҳаммазҳаби худашонро такфир намекарданд»[1,с.95-96].

Ҳатто устод С.Айнӣ дастур медиҳад, ки агар талабагони мадрасаҳо аз осори адибони гузашта сабабҳои интиқоди олимони беамал ва шайххҳои беилмро мутолиа мекарданд, ба мақолаҳои дар матбуот чопшаванда дар бораи танқиди чунин ашхос ба таври сатҳӣ баҳо намедоданд: «Агар расоили адабӣ ва давовини шуарои мутақаддимини форсиро истеъмол мекарданд ва танқидоти уламои беамалу машоихи беилмро дар он порчаҳои адабии ширин мутолиа менамуданд, ба тадқиқоте, ки дар ҳаққи уламо ва машох дар ҷароид нашр мешавад, «таҳқири уламо шуд» гуфта, оламро ба ҳам намезананд. Агар ба таърихи тарбияву таълим вуқуф пайдо мекарданд ва медонистанд, ки алифбои арабӣ дар асри саодати ҳазрати набавӣ ба чӣ нақш буд ва тариқи таълимаш ба чӣ тарз буд, «алиф бо лом забар - ал» дар он аҳд набуд ва аз мустаҳдасоти форсиён аст, китобҳое, ки ҳозир дар макотиби мо маъмул аст, ҳама ба тадриҷ сонӣ таълиф ёфтааст, ҳатто дар китобати Қуръони азимушшаън ин ҳама истилоҳ сонӣ пайдо шудааст, нақши хатти қуръонӣ дар аҳди аввал ба тарзи ҳозира набуд ва инчунин аломати эъроб ва соири аломат дар аҳдҳои сонӣ барои тасҳили тиловат эҷод кардаанд, ҳеҷ гоҳ таълими алифбо ба усули савтиро сабаб гардонида, фақиреро ало-рууси-л-ашҳод такфир намекарданд. Агар медонистанд, ки уламои мутақаддимин ба хунҳои ҷигар забони аҷонибро омӯхта, ҳама ҳикмати юнониёнро ба забони арабӣ тарҷума намудаанд, ба муҷарради омӯхтани забони русӣ касеро такфир намекарданд»[1, с.97].

Манзури устод Айнӣ дар ин таъкид ба «алиф бо лом забар - ал» ишорат ба ҳамон усули таълими мадрасаҳои Бухоро буд, ки худ бевосита дар он макотиби ба истилоҳ куҳан таълим гирифтаву дар китоби “Мактаби куҳна” аз он интиқод намуда буд. Бо овардани ин матлаб устод Айнӣ ишорат мекунад, ки ин шеваи таълими кӯр-кӯрона ҳаргиз дар замони аҳди аввали ислом набудааст ва онро олимиони чаласавод баровардаанд то бо роҳи фиребу найранг мардумро гумроҳ намоянд. Натиҷаи чунин таълимоти кӯр-кӯрона буд, ки ҷавонони дар зери таъсири чунин муллоҳо таълимгирифта камсавод тарбия рафта, гумроҳ мешуданд. Интиқоди устод Айнӣ аз ин шеваи таълим, ки танҳо ҳарфҳоро ёд медонад ва манзур аз алиф бо лом бар забар ҳамин навъи дарсҳост, махз ба он хотир аст, ки чунин дарсҳо боиси камсаводӣ, гумроҳии ҷомеа шуда, аз омилҳои хатарзо барои зуҳури афкори ифротӣ ва зиддиятҳои мазҳабии хатарнок барои ҷомеа мешуданд.

Аз ин ҷо як нуктаи дигар равшан мешавад, ки вақте равшанфикрони Бухоро ба танқиди чунин уламои зоҳирпараст ва аз асли дину диёнат бехабар пардохтанд, гурухе аз мутаассибон ин амали онҳоро гӯё кори гуноҳ ё амали нораво дониста, даст ба фитнаҳо заданд. Дар натиҷа, устод С.Айнӣ низ ба хулосае омад, ки мулоҳизаҳои хешро дар ин асараш бо далелҳои таърихӣ собит намояд, ки дар гузашта ҳам донишварону фозилон уламои бесаводро танқид менамуданд,

чунки аз онҳо ба ҷомеа на фоида, балки зарар аст. Сабаби асосии нуфузи таассуби динӣ ва ноогоҳии маънавӣ маҳз чунин олимон мешаванд, ки ҷомеаро ба роҳи дуруст бурда наметавонанд.

Яке аз бахши муҳими ақидаҳои устод С.Айниро масъалаи таассуб дар пӯшидани либос ва ҳатто дурӣ аз ҳиҷоб ва таҷдиди назар ба либоси аҳли мусалмонон ташкил медиҳад. Ҳатто устод Айнӣ дар замони хеш аллакай дастур додааст, ки бояд аз пӯшидани ҷомеаҳои васеи остиндарози зеҳкалон даст кашида, ба либосҳои наву замонавӣ руҷӯъ намояд. Набояд одамонро ба пӯшидани либосҳои нав гунаҳкор донист: «Агар дар асри саодат ба чӣ тарз будани либоси аҳли Исломро медонистанд, ин ҷомаҳои васеи алабойдоғи остиндарози зеҳкалонро лозими ғайримувофиқи мусулмонӣ напиндошта, ба сабаби пӯшидани либоси танги остинкӯтоҳ, мардумро аз доираи исломият берун намешумориданд. Агар тиҷорат кардани ҳазрати Пайғамбари мо алайҳиссаломро ва ба дастранҷи худ таъмини маишат намудани ҳазрати Умар аз ҳазрати Имоми Аъзам ва соири бузургони динро, разияллоҳу таъоло анҳум, медонистанд, ризқи худро мавқуфи авқоф ва тариқи таҳсили онро убудият ба дари қозихона гумон намекарданд» [1, с.98].

Дар идомаи ин мабоҳис устод Айнӣ ба масъалаи каммутолиагӣ ва ноогоҳии олимони замони хеш муроҷиат намуда, зимнан аз аслу моҳияти ҳадисҳои Паёмбар бехабар будани онҳо сухан мекунад ва ҳатто таъкид медорад, ки агар олимони замони мо аз «хуни ҷигар хӯрдани Имом Бухорӣ дар тайъини ҳадисҳои саҳеҳ бохабар мешуданду ҳадди ақал «Даҳяк»-ро аз бар менамуданд, чунин вазъият ба миён намеомад. Ба ақидаи Айнӣ аксари онҳо танҳо бо ҳифз намудани ду се сарфасл аз «Даҳяк» худро муллову олимону шайх номидаанд: «Агар амсоли китоби «Эҳё ал-улум» ва «Кимиёи саодат»-ро мутолиа карда, нишонаи уламои суъ аз ин ҳаштсад сол пешро аз забони мисли Имом Ғаззолӣ одами сиқа ёд мегирифтанд, дар ҳаққи худ ин ҳама ҳусни занн карда, фирефта намешуданд. Агар дар қурби асри саодат, барои тафриқаи ҳадиси саҳеҳ аз мавзуъ чӣ қадарҳо хуни ҷигар хӯрдани Имом Муҳаммад ибни Исмоили Бухориро мешуниданд, ҳар «қола-н-набиййу...»(Паёмбар(с) гуфт–А.У.)-и пушти китоберо ҳадис гуфта, иддао намекарданд. Агар шарофати Бухоро аз амсоли Имом Муҳаммад Исмоили Бухорӣ буданро медонистанд, дар(байни) 30 нафар «Саҳеҳ»-хони Арки Олӣ, ақаллан як нафар мутахассис дар «Саҳеҳи Бухорӣ»-ро ёфта қайд мекарданд. Агар ба қазияи «шарту-л-воқифи ка насси-ш-шореъ» Сухани шахси огаҳ ба мисли матни гузорандаи шариат аст), ки дар аксари маворид дастовези эшон аст, ҳақиқатан яқин медоштанд, барои истеҳқоқ пайдо кардан ба «Даҳяк» ба ҳифз кардани ду-се сатр, ду-се сарфасл ва боб иктифо намекарданд, ақаллан дар ин боб аз ришва додан ва ришва гирифтан ибо менамуданд»[1, с.98].

Ҳамин андеша ва чунин муносибату рафтор нисбат ба дини мубини ислом сабаб шудааст, ки дар рӯзгори ӯ аксари муллотарошу олимони дин ба ҷои ҳидояти мардум даст ба ришвахорӣ, харидуфурӯши моли мадрасаву масҷид даст зада, бар асари чунин ҷаҳолати хеш даст ба айшу нӯш мезананд. Ҳатто китобхонаҳоро ба ҷои айшу нӯш табдил додаанд, ки ин боиси коҳиш ёфтани маърифати ҷомеа ва заиф гардидани сутунҳои давлатдорӣ гардидааст: «Агар ояи каримаи «Фа ман баддалаҳу...» (Пас касе кӣ онро иваз кунад)-ро бадиққат тиловат мекарданд, ҳуҷҷатҳои мадрасаҳои вақфро мисли мулки холиси худ хариду фурӯш намекарданд; ё дар ҷавоби касе, ки эшонро аз ин байъу широи шанеъ манъ карда, ба тарафи ҳукми ояи каримаи мазкура даъват мекунад, мазмуни ояи каримаи «Ҳасбуно мо ваҷадно алайҳи обоано» ((Барои мо он чӣ, ки падарони худро бар он ёфтаем, бас аст ва «Инно лафӣ шаккин миммо тадъунано илайҳи мурибин» (Ҳамоно мо аз он чӣ моро бар он мехонед, дар шубҳаи қавӣ ҳастем) намегуфтанд. Ақаллан бешармона иддаои ҷавози шаръии ин феълро наменамуданд. Хулоса, агар талабаҳои Бухоро ба мутолиа шавқ медоштанд, осори нафиси қадимаро аз китобхонаҳои Бухоро, ки алъон аксараш ҷои айшу нӯши махдумон аст, парешон шуда, ба китобхонаҳои Фарангистон намерафт, ё ба сандуқи касоне, ки феҳристи ин китобҳоро намехонанд, ё хонда наметавонанд, маҳбус монда, аз истифодаи толибон маҳрум намегардид. Ва ало ҳоза-л-қиёс..» (Ва ба ин монанд кардан – А.У.) [1, с.98].

Дар ниҳояти баррасии ин масъала устод С.Айнӣ дар муроҷиат ба чунин мулоёни зоҳирбин ва мутаассиб бонги изтироб мезанад ва таъкид менамояд, ки ба обрӯи дини ислом латма ворид накунед. Дар канори ин, бо фитнаву таассуботи хеш чанд нафароне, ки онҳо баръакс аз дину асолати ислом хабар доранд, бо ҳар баҳона аз исломият берун нафикананд. Чунин рафтор накунед, ки ҳамаи аҳкоми шариат ва динро гӯё танҳо Шумо ҳаллу фасл менамоед. «Эй муллоёне, ки лофи шариатмадорӣ мезанед! Эй муллоёне, ки ба даъвои диндорӣ ба обрӯву ҳаёти чанд нафар таарруз мекунед! Ҳатто фирқаи мусулмониро, ки ба ҳар ҳол бо камоли нуқсон

лоақал аз ҳусни ният холӣ нестанд, аз доираи исломият берун меафканед! Гӯё, ки калиди ҷаннат ба дасти шумо бошад, ҷомеаро дӯзахӣ ҳукм мекунед! Имрӯз бинед, баҳақ хидмат карда будед ё ноҳақ! Имрӯз бинед ба манфиати худ хидмат карда будед ё ба кайфи чанд нафар маълумулҳоли соҳибғараз [1, с.253].

Дар ниҳоят, устод Айнӣ сӯиистифода аз аҳкоми шариатро ба мафиати худ яке аз омилҳои хатар ба давлату миллат унвон карда, ҳушдор медиҳанд, ки аз тартиби муайян надоштани ҳукумат сӯиистифода нанамоед, зеро ҳеҷ гоҳ ин мақому иззату шаъни Шумо дар амон нест ва имрӯз ё фардо бо сабабе он аз миён хоҳад рафт: «Агар мамлакат ислоҳ меёфт, агар ҳукуматдорӣ ба тартиби муайяне медаромад, агар ҳар маъмур вазифашинос мешуд, агар амонатро ба аҳлаш месупоридед, ба иборати дигар, агар шарти муқаддаса ба ағрози дигарон хилт наёфта, иҷро меёфт, ҳароина, на шумо фирқаеро «кофир» гуфта, ба молу ҷону имомашон тааррузкарда метавонистед, на як фирқа аз ҳаммаслакони шумо ва аз муфтиёти шумо ва аз қозикалони шумо ба ин таҳқирот гирифтор мегардид. Хотирҷамъ бошед, модом, ки ҳукумат тартиби муайян надорад, модом, ки шариатро суиистеъмол мекунанд, модом, ки вазифаи худро намешиносанд, модом, ки ба номи шариат ба ҳуқуқи ғайр таҷовуз мекунанд, ҳеҷ гоҳ ҷоҳу мансаб, ҷону мол, шарафу номус, иззату ҳашмати шумо дар амон нест, имрӯз ё фардо ба баҳонае дар маърази торофу талаф хоҳад афтод» [1, с. 253].

Дар ниҳояти андешаҳои хеш ҳатто устод Айнӣ ба ин гуна муллотарошон муроҷиат намуда, онопро огоҳ мекунонад, ки агар ҳатто дар сурати бо ҳамин ҳолат аз дунё рафтани Шумо аз хотир фаромӯш накунед, ки фардо рӯзи қиёмат ба маҷмӯи амалҳои хеш посух хоҳед гуфт ва бар онҳо чунин таъкид мекунад: «Фарз кардем, агар яке аз шумо аз ин дунё эмин рафт, дар рӯзи қиёмат ба маҳкамаи Илоҳӣ масъул хоҳад буд. Азбаски даъвои мусулмонӣ мекунед ва ҳатто лофи шариатмадорӣ доред, албатта бояд, ки рӯзи қиёмат ва суолоти он маҳкамаи кубрόро яқин донед. Бояд дар ин низ яқин дошта бошед, ки Аҳкамулҳокимин ҳуқуқи ғайрро авф нахоҳад кард. Ҳар авфе, ки ваъда шудааст, ба гуноҳи шахсӣ ва ҳуқуқи илоҳист» [1, с. 253].

Дар баробари ин устод Айнӣ дар ашъори хеш низ андешаҳои сиёсии хешро баён намуда, ҳамеша зулму ситамро чун сарчашмаи заволи давлатдорӣ ва адолатро асоси таҳкими низоми давлатдорӣ муқаррар мекунад. Ӯ аз беадолатиҳои замони хеш сухан ба забон оварда, вақте ки бародарашро бо дастури амири Бухоро ба қатл мерасонанд, дар марсияе дар сӯги ӯ онҳоро ситамгор, ва саги хунхор меномад ва амири Бухороро золим ба шумор меоварад, ки атрофи ӯ ситампешагоне чанд ҷамъ шудаанд:

***Ҷамъ гардида ба як ҷой ситамгоре чанд,***
***Ба кушишхона чунон ки саги хунхоре чанд.***
***Даври як золими мурдори ситамгори сафеҳ,***
***Гирд гардида ситампешаи мурдоре чанд*** *[5, с.283].*

Аз ин рӯ, худи Садриддин Айнӣ дуо мекунад, ки ин хонаи бедоду ситам вайрон шаваду он маҳкамаи ҷабр ба мазористон табдил ёбад, зеро тахти амирони рӯзгори ӯ боиси бадбахтии халқ гардида, ба ишратгаҳи ҷаллодон бадал шудааст:

***Ё Раб! Он хонаи бедоду ситам вайрон бод,***
***Ё Раб! Он маҳкамаи ҷабр мазористон бод.***
***Ё Раб! Он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,***
***Реза-реза шуда бар хоки сияҳ яксон бод.***
***Ё раб! Он тоҷ, ки зеби сари хунхоре чанд,***
***Бар сари соҳиби худ зебдеҳи зиндон бод.***
***Ё раб! Он қаср, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,***
***Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод*** *[5,с.289].*

Дар ниҳояти ин марсия мебинем, ки устод Айнӣ чун як нафар инсони ҷабрдидаи замони худ дасти дуо мекушояд, ки ҳамаи аҳли мансаби даврони ӯ, сар карда аз муфтиву қозиву шоҳу вазир сарнагун шуда ба хуни хеш ғарқа гарданд:

***Ё раб! Он муфтиву он қозиву он шоҳу вазир,***
***Сарнагун гашта ба хуни худашон галтон бод*** *[5,с.289].*

Ҳамин рӯҳияи ашъори устод Садриддин Айнӣ аллакай аз омадани шабаҳи инқилобе дар аморати Бухоро дарак медиҳанд, ки ҳамон андешаи куҳанро дар мавриди бебақо будани пояи зулм дар низоми давлатдорӣ ба субут мерасонад.

Дар маҷмӯъ, аз баҳсу баррасии андешаҳои сиёсӣ ва афкори фалсафиву иҷтимоии устод Айнӣ дар осори мухталифи манзум ва мансури хеш оид ба низоми давлатдорӣ ва зарурати инқилоби

фикрӣ дар Бухоро метавон бар ин натиҷа расид, ки ҳанӯз дар айёми хеш ин равшанфикри бузург таассуби динӣ, истифода аз номи дину диёнатро яке аз омилҳои муҳимтарини хатарзо ба амнияти ҷомеа унвон кардааст, ки ҳатто сабаби ба вуҷуд омадани инқилоб дар Бухоро ва ҳам инқилоби фикрӣ гардидааст. Дар доираи ин баҳсҳо устод Айнӣ мехоҳад миёни шахсияти рӯҳонии асил ва муллотарошу шайхи беилм фарқ гузошта, хатари чунин муллонамоҳоро ба ҷомеа равшан нишон диҳад, ки сабабгори сар задани ҳар гуна фитнаҳо миёни мардум ва баҳсҳои мазҳабиву динӣ мегарданд. Ҳамзамон, ҳанӯз дар ҳамин айёми хеш устод Айнӣ аввалин бор аҳли динро хушдор додааст, ки бояд дар пӯшиши либоси мусулмонӣ низ ислоҳот ворид намуда, аз куҳнагароӣ ва афкори иртиҷоӣ даст кашанд. Ин андешаҳои устод Айнӣ дар ҷомеаи мо ҳам дорои аҳамияти баланди фикрӣ ва сиёсӣ мебошанд, зеро таваҷҷӯҳ ба зуҳури падидаҳои номатлуб, пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои хусусияти динӣ дошта, собит мекунад, ки дар шароити имрӯза низ сабаби аслии гирифтории ҷавонон ба чунин ҳаракатҳо надоштани саводи казоии динӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, аксар дастгоҳҳои таблиғотии мазкур низ асосан аз қувваи дин ҳамчун восита барои расидан ба мақсадҳои хеш истифода намудаанд. Агар ба ақида ва андешаҳои онон таваҷҷӯҳ намоем, пайванде ба исломи ноб надоранд. Ҳадафи аслии устод Садриддин Айнӣ ҳам ба рӯзгори хеш ҳамин буд, ки дар заминаи ба вуҷуд овардани инқилоби фикрӣ низоми таҳсилот дар мадрасаҳоро дигаргун намуда, мардумро ба моҳияти аслии дини ислом ошно созанд, то аз фиребу риёи муллоҳои сохтаву аз асли дин бехабар ҷомеаи рӯзгори ӯ наҷот пайдо намоянд. Хатари ифротгароӣ, ки ба зулму ситам оварда мерасонад, ҳамеша барои аз миён рафтани давлати миллӣ таҳдид мекунад. Таҷрибаи талхи солҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ худ нишонгари он буд, ки маҳз ҳамин омилҳо барои эҷоди мушкилот ва таҳдид ба нобудии миллӣ заминаҳо фароҳам оваранд, ки хушбахтона бар асоси сиёсати сулҳофаринонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши роҳи хатарҳо гирифта шуд. Аз ин рӯ, афкори сиёсии устод Айнӣ барои таҳкими давлатдории миллии мо дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ хеле муҳим ва дорои аҳамияти барҷаста мебошанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро/С.Айнӣ.–Душанбе:Матбуот,2005.–Ҷ.14.–272 с.
2. Айнӣ, С. Мактаби кухна/С.Айнӣ.–Душанбе: Истиқбол, 2010. – 56 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт/С.Айнӣ.-Душанбе: Матбуот, 2005.- Ҷ.14. – 272 с.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо/С.Айнӣ.–Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
5. Айнӣ, С. Куллиёт/С.Айнӣ.– Душанбе: Ирфон, 1981. – Ҷ.8.-524 с.
6. Шакурии, Бухороӣ. Равшангари бузург/Б.Шакурӣ.–Душанбе:Адиб,2006. – 340 с.


## REFERENCES:


1. Aini,C.The History of Intellectual Revolution in Bukhara/S.Aini.-Dushanbe:Press,2005.-V.14-272 p.
2. Aini, S. Old School / S. Aini. – Dushanbe: Istiqbol, 2010. - 56 p.
3. Aini, S. Collection of Compositions / S. Aini. - Dushanbe: Press, 2005. - V. 14. - 272 p.
4. Aini, S. Memories / S. Aini. – Dushanbe: Chief Scientific Editor of the Tajik National Encyclopedia, 2009. - 680 p.
5. Aini, S. Collection of Compositions / S. Aini. - Dushanbe: Cognition, 1981. - V.8. - 524 p.
6. Shakuri, Bukhoroi. The Great Enlightener / B. Shakuri. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2006. - 340 p.